**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи номзадии Ҷавҳарова Муҷибахон Одиловна дар мавзӯи «Юсуф ва Зулайхо″-и Ховарии Шерозӣ ва муқоисаи он бо достони ҳамноми Абдураҳмони Ҷомӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.01 - Адабиёти тоҷик**

Диссертатсияи номзадии Ҷавҳарова Муҷибахон Одиловна ба яке аз мавзӯъҳои муҳимму ҷолиби илми адабиётшиносӣ - омӯзиши муқоисавии достонҳои ҳамном “Юсуф ва Зулайхо”- и Ховарии Шерозӣ ва муқоисаи он бо достони ҳамноми Абудраҳмони Ҷомӣ бахшида шудааст. Масъалаи омӯзиши муқоисавии достонҳои ҳамном хеле васеъ ва доманадор буда, ин анъана, яъне ба мавзӯву сюжети як асар ҷавоб гуфтан аз асри X шурӯъ шуда, то ибтидои асри XX идома ёфтааст. Унвонҷӯ масъалаҳои муҳтаво, сохтор, сюжет, манбаъҳо, сарчашмаҳои масеҳӣ ва исломии достонҳои “Юсуф ва Зулайхо”-и Ховарии Шерозӣ ва Абдураҳмони Ҷомиро, ки аз достонҳои ҷаззобу дилнишин маҳсуб меёбанд, ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Аз муҳтавои автореферат бармеояд, ки қиссаи “Юсуф ва Зулайхо” дар адабиёти форсии тоҷикӣ ва олам ҷойгоҳу мақоми шоиста дошта, аз фолклори яҳудиён сарчашма мегирад ва тадриҷан ба таркиби “Қуръон” гузаштааст.

Рисолаи Ҷавҳарова М.О. аз муқаддима, се бобу зерфаслҳо ва хулосаву китобнома фароҳам омадааст. Муаллиф бо иншои рисола дар назди худ мақсад гузоштааст, ки баробари таҳқиқ ва баррасии муқоисаи достонҳои ҳамном як қатор вазифаҳои дорои ҷанбаҳои назариявӣ, амалӣ ва таҳлилидоштаро дар робитаи тарафайн ҳал намояд.

Унвонҷӯй дар бобу зерфаслҳои рисола кӯшиш намудааст, ки тавассути таҳқиқ ва баррасии мавзӯи мазкур, пеш аз ҳама, нишон диҳад, ки муқоиса ва ошкор намудани манбаъ ва сарчашмаҳои масеҳӣ ва исломии форсии тоҷикӣ, муҳтаво, сохтор ва сюжет, монандӣ ва фарқ, ғоя ва симоҳои марказӣ, вежагиҳои услубӣ ва бадеӣ, маҳорати шоирии Ховарии Шерозӣ ва

Абдураҳмони Ҷомӣ дар устухонбандӣ, чеҳраофаринӣ ва тасвирсозӣ, хати ҳунарии хоб ва руъё, мавқеи мунозара ва нома дар достонҳои ҳамномро муайян намояд.

Диссертант андешаҳои худро оид ба достони "Юсуф ва Зулайхо"-и Ховарии Шерозӣ ва муқоисаи он бо достони ҳамноми Абдураҳмони Ҷомӣ дар 18 банд ҷамъбаст намуда, ба хулосаҳои муҳимми илмӣ расидааст ва зикр мекунад, ки дар достонҳо фарқи ғоявӣ ба назар мерасанд, масалан, Ховарии Шерозӣ, ки худ пайрави мазҳаби шиъӣ аст, дар достонаш боби алоҳидаеро аз фаъолияти пешвои мазҳаби шиъӣ Алӣ ибни Абутолиб оварда, баъзе аз нуктаҳои мазҳаби шиъиро тарғиб кардааст. Абдураҳмони Ҷомӣ, ки аз пешвоён ва ҷонибдори тариқати нақшбандияи тасаввуф аст, боби алоҳидаеро дар достонаш ба Хоҷа Аҳрори Валӣ, ки устоди маънавии Абдураҳмони Ҷомӣ мебошад, бахшида, маромy маслаки тариқати нақшбандияро тарғиб кардааст.

Унвонҷӯ хулоса кардааст, ки забон ва сабки ҳар ду шоир шоистаи таҳсин буда, дар баёни андешаҳояшон аз имкониятҳои забони форсии тоҷикӣ истифода кардаанд. Достонҳои ҳар ду шоир ба сабки хуросонӣ мансуб буда, дар баробари ин сабки инфиродии худро доранд. Дар достонҳо санъатҳои зиёди бадеии лафзиву маънавӣ истифода шудааст ва ҳам Ховарӣ ва ҳам Ҷомӣ паёмҳои хеле ҷолиби шоирона баён доштаанд.

Дар баробари он муваффақиятҳое, ки дар фишурда дида мешавад, баъзе нуқсу камбудиҳо низ ҷой доранд, ба назари мо islоҳи онҳо ба манфиати рисолаву унвонҷӯй аст:

1. Дар матни рисола ғалатҳои имлоиву услубӣ ва техникӣ роҳ ёфтаанд, ки ислоҳи онҳо ҳатмӣ аст;

2. Дар автореферат манбаи иқтибосҳо дар охири фишурда зикр наёфта, ишора ба диссертатсия шудааст. Ҳол он ки дар бештари автореферaтҳо иқтибосҳо дар охир оварда шудаанд.

Чунин камбудиҳо, албатта, ба мазмуну муҳтавои рисола латмае ворид намекунад. Монография ва мақолаҳои чопнамудаи муаллиф муҳтавои рисоларо пурра инъикос менамояд.

Рисолаи номзадии Ҷавҳарова Муҷибахон Одиловна дар мавзӯи "Юсуф ва Зулайхо"-и ховарии Шерозӣ ва муқоисаи он бо достони ҳамноми Абдураҳмони Ҷомӣ" кори анҷомёфтаи илмӣ маҳсуб ёфта, муаллифи он сазовори унвони илмии номзади илмҳои филологӣ мебошад.

Номзади илмҳои филологӣ,
дотсенти кафедраи забони давлатӣ ва ҷомеашиносии
ДПДТТХ ба номи академик М.Осимӣ Бобоева Т.Р.

E-mail:Farah_a@mail.ru
Телефон: 927053650

"Имзои номзади илмҳои филологӣ,
Бобоева Т.Р.-ро тасдиқ менамоям".

Мудири шуъбаи кадрҳо Ёқубова М.А.

ШӮЪБАИ КАДРҲО

19.12.2019 с.